# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қувватова Рафоат Ашӯровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Истеъдоду маҳорати Қувватова Рафоат Ашӯровна дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат дар шароити муосири ислоҳоти соҳаи маориф, истифодаи методҳои инноватсионии таълим зимни таълими фанниҳои дақиқ сазовори ситоиш ва боиси дастгирист. Дар муддати 23 соли омӯзгорӣ ва роҳбарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейҳо барои бачагони болаёқат фаъолияти омӯзгориву роҳбарии ӯ натиҷаю самараҳои хуб ба бор овардаанд.

Қобили зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қувватова Рафоат Ашӯровна ҳанӯз аз солҳои нахустини кору фаъолияти омӯзгориаш зимни хондани маърузаҳо ва гузаронидани машғулиятҳои назариявию амалӣ аз фаннҳои дақиқ сурат гирифтааст, ки заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил мекунанд.

Кори диссертатсионии унвонҷӯй Қувватова Рафоат Ашӯровна ба асосноккунии назариявӣ ва санҷиши таҷрибавию озмоишии талаботи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат бахшида шуда, дар шуъбаи педагогика ва психология Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Қувватова Рафоат зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилонаи пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист.

Дар муҳлати пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Қувватова Рафоат худро ҳамчун унвонҷӯи қавиирода, серталаб ва масъулиятшинос нишон дода, собит намуд, ки ӯ як таҳқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор аст ва минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян ва бошууронаву амиқан дарк намояд, натиҷаҳои

дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил карда, методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот муайян кунад,

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Қувватова Рафоат оид ба талаботи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат бо роҳу усулҳои муосиру навтарин ба субот расонида шуда, натиҷаи корҳои таҳқиқотиаш дар мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ тавсияшуда инъикос ёфтаанд.

Муҳаққиқ Қувватова Рафоат дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотиаш бо маърузаҳо баромад намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониашро тасвиб намудааст.

Дар маҷмуъ муҳаққиқ Қувватова Рафоат Ашӯровнаро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки қодир аст, минбаъд супоришу вазифаҳои дар наздаш гузошташударо мустақилона ҳаллу фасл намояд.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Қувватова Рафоат Ашӯровнаро ба тариқи мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои
педагогӣ, мудири шуъбаи методикаи
таълим, психология ва тарбияи кадрҳои
илмии Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон С. Камолзода С. Камолзода

*Имзои Сайфиддин Камолзодаро тасдиқ мекунам.*

*Мудири бахши кадрҳо*
*ва коргузории А ТТ* *М. Саидова*

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ... ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ